ҲИФЗИ МЕҲНАТ - ОХРАНА ТРУДА - LABOR PROTECTION

УДК: 656.072:338.46 DOI: 10.65599/NWVP4654

# РИОЯИ ТАЛАБОТИ БЕХАТАРӢ ҲАНГОМИ МУСОФИРБАРӢ БО ИСТИФОДАИ НАҚЛИЁТИ ҶАМЪИЯТИИ ШАҲР

Ф.М. Юнусов
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Дар ин мақола муҳокима дар бораи мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҷамъиятии шаҳр мубоҳиса карда, риояи талаботи бехатариро ҳангоми мусофирбарӣ аз ҷузъиёти муҳимтарини раванди нақлиётӣ меҳисобад. Қайд карда мешавад, ки ҳар як иштирокчии ҳаракат дар роҳ ва ҳам раванди нақлиётӣ вазифа ва масъулиятҳои худро дорад. Ронанда, кондуктор ва мусофирон вазифадоранд, ки муқаррароти қоидаҳои истифодабарии нақлиёти ҷамъиятиро бе ягон мамониат риоя карда, ҳаётӣ худ ва атрофиёнро зери хатар нагузоранд. Аз тарафи дигар, риояи ҳар як қоида аз фарҳанги баланди истифодабарии нақлиёт шаҳодат медиҳад.

***Калимаҳои калидӣ:*** *бехатарӣ, мусофирбарӣ, мусофир, нақлиёт, нақлиёти шаҳр, ронанда, истгоҳ.*

# СОБЛЮДЕНИЕ ТРЕБОВАНИЙ БЕЗОПАСНОСТИ ПРИ ПАССАЖИРОПЕРЕВОЗКЕ НА ГОРОДСКОМ ОБЩЕСТВЕННОМ ТРАНСПОРТЕ

Ф.М. Юнусов

В данной статье автор обсуждает пассажирские перевозки на городском общественном транспорте, рассматривая соблюдение требований безопасности при пассажирских перевозках как одну из важнейших элементов транспортного процесса. Отмечается, что каждый участник дорожного движения и транспортного процесса имеет свои обязанности и ответственность. Водитель, кондуктор и пассажиры обязаны беспрепятственно соблюдать положения Правил пользования общественным транспортом, не подвергая опасности свою жизнь и жизнь окружающих. С другой стороны, соблюдение каждого правила свидетельствует о высокой культуре использования транспорта.

***Ключевые слова:*** *безопасность, пассажироперевозки, пассажир, транспорт, городской транспорт, водитель, остановка.*

# COMPLIANCE WITH SAFETY REQUIREMENTS DURING PASSENGER TRANSPORTATION ON URBAN PUBLIC TRANSPORT

F.M. Yunusov

In this article, the author discusses passenger transportation on urban public transport, considering compliance with safety requirements during passenger transportation as one of the most important elements of the transport process. It is noted that each participant in the traffic and transport process has its own responsibilities and responsibilities. The driver, conductor and passengers are obliged to freely comply with the provisions of the Rules for using Public Transport, without endangering their lives and the lives of others. On the other hand, the observance of each rule indicates a high culture of using transport.

***Keywords:*** *safety, passenger transportation, passenger, transport, urban transport, driver, stop.*

Дар ҳаёти ҳаррӯза нақлиёт ҳамчун воситаи ҷойивазкунии бору мусофирон вазифаи ниҳоят пурмасъулро бар дӯш дорад. Танҳо кофист мо тасаввур намоем, ки агар нақлиёт ва ё ягон воситаи ҷойивазкунӣ набошад, чӣ ҳолат рух хоҳад дод – ягон соҳа ё сохтори дигар умуман фаъолият нахоҳад кард. Аз ин рӯ, Карл Маркс нақлиётро ҳамчун "рагҳои хунгарди хоҷагии халқ" номида, нақши онро дар тамоми ҳаёти инсоният ниҳоят муассир ҳисобидааст.

Нақлиёт бо интиқоли бору мусофирон воситаи пешбарандаи истеҳсолот, саноат ва иқтисодиёт аст. Иқтисодиёт аз фаъолияти бонизом, муташаккил ва бехатари нақлиёт маншаъ мегирад. Аз ин ҷост, ки умумияти ин соҳа дар комплекси ягонаи хоҷагидорӣ ва системаи иқтисодии мамлакат ҳамчун ваҳдати соҳаҳои истеҳсолию хизматрасонӣ дониста мешавад [3, 4].

Барои нақлиёт ташкил ва идоракунии ҳаракат, мусофирбарию боркашонӣ бо тамоми қоидаҳо ва тартиботи муқаррарградида зарур аст. Муҳимияти риояи қоидаҳо ва талаботи муайян бехатарии интиқоли бору мусофиронро дар назар дорад ва барои ташкил ва идоракунии раванди интиқол нуктаи зарурӣ дониста мешавад.

Дар мақолаи мазкур риояи талаботи бехатарӣ ҳангоми мусофирбарӣ бо истифодаи нақлиёти ҷамъиятии шаҳр баррасӣ хоҳад гашт.

Мусофирбарӣ бояд бо ҳадди максималии бехатарӣ барои мусофирон, ронанда ва ҳам барои дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ, ҳатто пиёдагардон иҷро гардад. Барои ба даст овардани иттилооти дақиқ доир ба ин масъала аз қоидаҳои мусофирбарӣ бо автобусҳои синфи гуногун истифода бурдан мумкин аст.

Чунин қоидаҳо имкони омодасозии бастаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, риояи масъулиятҳои касбӣ, инчунин назорати ҳолати техникии нақлиёти автомобилиро медиҳад. Ин ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, инчунин ҳифзи моликияти онҳо имкон медиҳад.

Чунин вазифаи пурмасъул аз ронанда сатҳи баланди касбӣ, таваҷҷуҳ ва устувории зиддистрессро металабад. Дар баробари ин донистан зарур аст, ки оё ҷойи корӣ ба тамоми талаботи қонунгузорӣ мутобиқ аст ғайр аз ин, воситаҳои нақлиёте, ки дар хатсайрҳои шаҳрӣ, наздишаҳрӣ ё байнишаҳрӣ фаъолият доранд, бояд ба сатҳи баландтарини бехатарӣ мутобиқат намоянд.

Ҳамаи ин бо қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳо танзим карда мешавад. Асоси ҳуҷҷати танзимкунандаро Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан моддаи 37 – Талабот нисбат ба ташкил ва амалӣ намудани ҳамлу нақл, моддаи 38 – Талабот нисбат ба таъмини бехатарии ҳамлу нақл, моддаи 45 – Шартҳои ташкили ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо нақлиёти ҷамъиятӣ, моддаи 46 – Идоракунии нақшавӣ ва фаврии ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо нақлиёти ҷамъиятӣ, моддаи 47 – Назорати ҳамлу

нақли мусофирон ва бағоҷ бо нақлиёти ҷамъиятӣ, моддаи 74 – Намудҳои ҳамлу нақли махсуси мусофирон, моддаи 75 – Ҳамлу нақли гурӯҳҳои кӯдакон ташкил медиҳад [1].

Мувофиқи ин нисбат ба автобусҳо талаботи асосӣ муқаррар карда шудааст. Дар толор (салон)-и автобус бояд иттилооти муайян – номгӯй ва нишонӣ (ахбороти робитавӣ)-и мақомоти давлатии назораткунанда, қоидаҳои истифодаи нақлиёт, ному насаби ронанда ва кондуктор, ишораҳои ҷойгирони тугмаҳои таваққуфи фаврӣ, баромадгоҳҳои садамавӣ ва оташнишонҳо, номгӯй ва ахбороти робитавии интиқолдиҳанда ҷой дода шавад.

Дар ҳоли зарурат рақамҳои ҷойи нишаст, инчунин лавҳа барои мусофирони кӯдакдор ё шахсони имконияташон маҳдуд низ насб бояд карда шавад.

Воситаҳои нақлиёт мувофиқи талабот ба автобусҳо барои интиқол бояд системаи коршоями гармидиҳии дохилӣ, дарҳои коршоям ва механизмҳои тирезавӣ, тахограф, инчунин воситаҳои равшанои коршоями салон, воситаҳои корӣ барои паёмҳои овозӣ – баландгӯяку карнайҳо дошта бошад. Пеш аз оғози мавсими зимистон иваз кардани шинаҳо, тафтиши самаранокии системаи гармидиҳӣ, ҳавоногузарии тирезаҳо, палконаҳои садамавӣ ва тамоми дарҳо зарур аст. Инчунин пешакӣ бояд таъмири капиталӣ гузаронида шавад.

Дар баробари ин, барои идора кардани воситаи нақлиёт ҳамон шахсияте иҷозат дорад, ки ҳамчун ронанда тамоми талаботи зарурировро ҷавоб мегӯяд. Автобусро идора намуда, ронанда дар ҳолатҳои гуногун ҳангоми ҳаракат дар роҳ бояд ба таври фаврӣ қарори зарурировро қабул карда тавонад ва диққати худро хуб тамаркуз дода тавонад. Инчунин пеш аз ҳар як баромад ба сафар бояд саломатии шахси идоракунандаи воситаи нақлиёт тафтиш карда шавад.

Қонунгузорӣ як қатор талаботи муайянро нисбат ба ронандаи автобус ҳангоми мусофирбарӣ пешбинӣ менамояд:

- аз хатсайри муқарраргардида берун нашавад, агар он ягон ҳолати хосро наталабад;
- фаромадан ва саворшавии мусофиронро қатъан пас аз пурра дар ҷойи худ қарор гирифтани нақлиёти автомобилӣ амалӣ намояд;
- пеш аз ҳар як баромадан ба хати сафар аз нигоҳубини тиббӣ гузарад;
- ҳолати рӯйпӯши роҳ ва шароити обу ҳаворо ҳангоми ҳаракат ба ҳисоб гирад;
- агар таваққуф аз 5 дақиқа зиёд шавад, муҳаррикро хомӯш намояд;
- нисбат ба интиқол ва ҷамъоварии роҳкирои категорияи шаҳрвандони имтиёздор қоидаҳоро риоя кунад;
- ба тартиботи дохили салон диққат дода, бо мусофирон боодобона муносибат намояд;
- Ҳолати техникии воситаи нақлиётро пеш аз ҳар як сафар тафтиш кунад;
- қоидаҳои ҳаракат дар роҳро риоя намояд;
- ба саворшавию фаромадани мусофирон бо ёрии оинаҳои паҳлӯӣ назорат кунад.

Мувофиқи талаботе, ки ҳангоми мусофирбарӣ ҷорӣ карда мешавад, ронанда дар ҳолати сархушӣ, фишори баланд ё бад будани саломатиаш ба кор иҷозат дода намешавад. Дар ҳолатҳои риоя накардани чунин талаботи қоидаҳо ҳам ронанда ва ҳам интиқолдиҳандаро ҷаримаҳо муайян интизоранд. Талаботи дигар истифодаи намуди муқарраргардидаи либоси корӣ аст, ки ронанда онро бояд ба бар намояд. Агар дар нақлиёт кондуктор таъйин нагардад ва пардохти роҳкиро ба таври ғайринақдӣ (тавассути валидаторҳо) бошад, он гоҳ назорат ба уҳдаи ронанда меафтад.

Дар толори автобус мавҷудияти як қатор ҳуҷҷатҳо – иҷозатномаи шахси ҳуқуқӣ (ширкат-интиқолдиҳанда), ки ҳуқуқи мусофирбариро медиҳад, шаҳодатномаи ронандагии категорияи D, полиси суғуртаи бемаҳдуди ОСАГО, роҳхат, маълумотнома доир ба гузаштани назорати тиббии ронанда, корти ташхиси нигоҳубини техникии автобус, шаҳодатнома оид ба қайди додани рақами давлатӣ ба воситаи нақлиёт, шиносномаи техникии автобус ва ғайраҳо ҳатмист.

Дар ҳоли қоидавайронкунӣ ҳангоми набудани яке аз ин ҳуҷҷатҳо ба ронанда ё ширкат-интиқолкунанда метавонад, ки ҷарима баста шавад.

Чӣ тавре ки қайд намудем, дар салони нақлиёт барои дастрасии умум бояд ном ва нишониҳои робитавии интиқолдиҳанда, ному насаби ронанда, ном ва нишонии робитавии мақомоти давлатии назораткунанда, ишораҳои ҷойи нигоҳдории оташнишонҳо, баромадгоҳҳои садамавӣ, тугмаҳои нигоҳдории изтирории автобус, қоидаҳои истифодабарии воситаи нақлиёт ҷой дода шавад.

Ба ронанда доимо вазифаи масъуле бар дӯш меистад, ки ӯ бояд қобилияти зуд тамаркуз додани диққати худро дошта бошад ва дар як лаҳза дар шароити ғайристандартӣ қарор қабул карда тавонад. Ғайр аз маҳоратҳои касбӣ инчунин нисбат ба ҳолати ронанда ҳангоми сафар талаботи хос муқаррар карда мешавад.

Аз ин рӯ, ронанда масъулиятҳое дорад, ки бояд дар раванди мусофирбарӣ онро риоя намояд. Масъулиятҳои мазкур ҳамчун талабот нисбат ба ронанда болотар тавзеҳ дода шуд.

Мувофиқи талаботи охирон нисбат ба автобусҳо ҳангоми мусофирбарӣ як қатор талаботи техникӣ муқаррар карда шудааст:

- мувофиқати намуд, тамға, конструксия ва тавоноии воситаи нақлиёт ба намуди автобуси барои мусофирбарӣ таъйингардида;
- параметрҳои воситаи нақлиёт бояд гаштугузори озодонаи онро дар роҳҳои кишвар таъмин намояд;
- чароғҳои дохили салон дар вақти ҳаракати шабона барои сафари бароҳати мусофирон бояд дар ҳолати коршоям қарор дошта бошад;
- мавҷудияти баландгӯяк дар салон ҳангоми зарурат барои муроҷиати ронанда ба мусофирон;
- нигоҳдории механизми дару тирезаҳои автобус дар ҳолати коршоям;
- мавҷудияти системаи коршоями гармидиҳӣ барои сафар дар мавсими зимистон.

Дар робита ба тамоми талаботи техникӣ, инчунин талабот дар мавсими зимистон низ муқаррар карда шудааст, ки он барои нақлиёт талаботи иловагӣ буда, дар мавсими зимистон вобаста ба релеф ва иқлими тару намнок ё хуники хушк ба таври зарурӣ орӣ карда мешавад.

Дар мавсими зимистон зарурати иваз кардани шинаҳо пеш меояд. Инчунин ҳавоногузарии дару тирезаҳо ва люкҳо, кори раднопазири системаи гармидиҳӣ тафтиш ва таъмин карда мешавад.

Пеш аз оғози мавсими сармо тафтиши муфассали техника ба роҳ монда шуда, ҳангоми ошкорсозии ноқӯриҳо таъмири капиталӣ гузаронида мешавад.

Дар баробари ин, бастаи ҳуҷҷатҳо низ бояд пурра бошад ва ба категорияи дахлдори интиқол мувофиқ бошад. Ҳайати ронандагон ва тавсифоти техникии нақлиётӣ набояд меъёрҳои муқарраргардидаро вайрон намоянд.

Дар доираи талаботи муқарраргардида ҳангоми мусофирбарӣ ва масъулияту вазифаҳои ронандагон, инчунин ҳуқуқ ва масъулияти мусофирон ҳам пешниҳод карда шудааст.

Ҳар як мусофири аз нақлиёти ҷамъиятӣ истифодабаранда ҳуқуқҳои муайян – ҳамроҳ гирифтани бори дастӣ, аз ронанда ё кондуктор талаб намудани манъи воситаи нақлиёт дар ҳар гуна қитъаи роҳи ҳаракат бо пешакӣ огоҳ намудан, гирифтани ахборот доир ба ҷадвали ҳаракат аз ронанда ё нуқтаи истгоҳ, ҳамроҳ бурдани кӯдакон, гирифтани чипта барои сафар бо хатсайри дастрастарин, додани бағоҷ ба ронанда барои ҷойгиронӣ дар бағоҷдони воситаи нақлиёт, савор шудан ё фаромадан ба/аз нақлиёт дар истгоҳи дилхоҳро, ки ҷадвали ҳаракат пешбинӣ кардааст, дорад.

Инчунин ба мусофирони автобусҳо талаботе пешниҳод мегардад, ки аз ҷониби интиқолдиҳанда муқаррар гардида, риояи он ҳатмист. Аввалан, тартиботро риоя карда, ба ронанда ва дигар мусофирон халал нарасонидан ва ашёи хатарнокро ҳамроҳ нагирифтан, аз тирезаҳои автобус дасту сару тан берун накардан вазифаи ҳатмии мусофирон аст.

Мувофиқи қоидаҳои саворшавию фаромадан ба/аз автобус одамон бояд аз дарҳои даромад ва баромад танҳо ҳангоми пурра қарор гирифтани нақлиёт истифода баранд. Истифодабарии люкҳои садамавӣ ва эҳтиётӣ, ки бо навиштаҷоти муайян ишора гардидааст, танҳо дар ҳолатҳои рух додани хатар ба ҳаёт ва саломатии одамон имконпазир аст. Шумораи дарҳо аз ғунҷоиши автобус ва шумораи ҷойҳои нишаст вобаста аст.

Саворшавию фаромадани мусофирон дар тамоми истгоҳҳо амалӣ мегардад ва бояд ронанда бо тарзҳои пешбинишуда мусофиронро аз он огоҳ созад. Агар сухан дар бораи мусофирбарӣ бо автобуси хатсайрҳои шаҳрӣ равад, саворшавию фаромадани мусофирон танҳо дар майдончаҳои таҷҳизонида ва истгоҳҳо мувофиқи талабот амалӣ мешавад.

Дар ҳолате ки кондуктор вуҷуд надорад, ронанда ҳуқуқ дорад, ки саворшавию фаромадани мусофиронро танҳо аз дари пеш амалӣ созад, то ки пардохти роҳкироро хуб назорат карда тавонад. Агар дар автобус валидатор насб гардида бошад, ин гуна назорат боз ҳам осонтар мешавад – саворшавӣ аз дари пеш ва фаромадан қатъан аз дарҳои дуюм ва сеюм дар назар аст.

Талаботи дар мақолаи мазкур овардашуда ба мусофирбариҳои байнишаҳрӣ, байналмилалӣ ва хизматӣ бо шартҳои нисбатан дигар пешниҳод мегардад.

Риояи талаботе, ки ҳангоми мусофирбарӣ муқаррар гардидааст, рақобатпазириро беҳтар намуда, аз шикоятҳои беасоси мизоҷон пешгирӣ менамояд, вайроншавии воситаи нақлиётро кам карда, бехатарии ҳар як сафарро ба таври назаррас беҳтар месозад. Инчунин аз ҷаримабандӣ ронанда ва интиқолдиҳандаро meраҳонад, ки ин ба сифати хизматрасонӣ таъсири мусбӣ расонид, ба пешрафти фаъолияти нақлиётӣ мусоидат менамояд.

*Муқарриз: Гулаҳмадов Ҳ.Ш. — д.и.т. и.в. профессори кафедраи бехатарии фаъолияти инсон ва экологияи ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ*

## Адабиёт


1. Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 феврали соли 2020 №1594 қабул карда шудааст.
2. Туревский И.С. Охрана труда на автомобильном транспорте./ И.С Туревский. Издательский Дом ФОРУМ, 2025 г. 240 стр.
3. Юнусов, Ф. М. Такмилдиҳии шаклҳои ташкили мусофирбарӣ дар шаҳрҳо / Ф. М. Юнусов, Ш. Ф. Самиев // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2023. – No. 3(272). – P. 80-88. – EDN HPJZXL.
4. Джалилов, У. Д. Исследование факторов, влияющих на формирование потребности сельского населения Республики Таджикистан в услугах пассажирского автомобильного транспорта / У. Д. Джалилов, Ф. М. Юнусов // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. – 2018. – № 1(41). – С. 151-168. – EDN XSBZDF.


## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ-СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ-INFORMATION ABOUT AUTHOR


| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Юнусов Фаридун Маъруфович | Юнусов Фаридун Маруфович | Yunusov Faridun Marufovich |
| н.и.и. | к.э.н | candidate of economic sciences |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими | Tajik technical university named after academician M.S. Osimi |
| E-mail: fariduny@mail.ru | | |